# ТАҚРИЗ

**роҳбари илмӣ ба рисолаи доктори фалсафа Ph.D-и Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзӯи: «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси Молия - 6D050900 (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.**

Раҷабов Т.С. соли 2020 ба доктарантура дохил шуда, ҳангоми иҷрои кори илмии худ, дараҷаи баланди мустақилиятро дар ҷамъоварӣ, омузиш ва интихоби асарҳои тадқиқотчиён, ки ҷабҳаҳои назариявии кори мазкурро тадқиқ намудаанд нишон дод. Ҳангоми иҷрои рисола ва таҳия намудани мақолаҳо барои чоп Раҷабов Т.С. , масъулияти баландро нишон дод, ки ин ба ӯ имконият дод, 10 мақолаҳои илмӣ аз чоп барорад, ки аз ин шумора 4 тояш мақолаҳои тақризшавандаанд. Аз соли 2020 то ҳол дар вазифаи ассистенти кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи милли Тоҷикистон фаъолияти омузгории худро давом дода истодааст. Сатҳи дониш ва методҳои омӯзиши ассистент Раҷабов Т.С. ба стандартҳои таҳсилоти олӣ мувофиқат мекунад. Раҷабов Т.С. дар бахши фаъолияти илмӣ низ масъулият дошта, ҳамасола бо маърӯзаҳо дар конфронсҳои илмӣ-тадқиқотии ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ иштирок менамояд. Ҳангоми кор бо диссертатсия докторант, доктор фалсафа (PhD) худро ҳамчун тадқиқотчии илмии ташкилотчӣ, сари вақт иҷрокунанда ва масъулитшинос нишон дода тавонист, ки ин ба ӯ имконит дод, натиҷаҳои ба дастомадаро ҳаматарафа таҳия ва шарҳ диҳад, истифода бурдани методҳои зарурии тадқиқотро мустақилона муайян ва асоснок намуда тавонист.

Мубрамияти мавзӯи интихобгардидаи тадқиқоти диссертатсионии Раҷабов Т.С. аз он бармеояд, ки танзими сатҳи гаронии андоз дар маркази диққати Ҳукумати ҷумҳурӣ, қарор дошта, ба талаботҳои бандҳои Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси Молия - 6D050900 (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), мувофиқат мекунад: банди 2. Молияи давлатӣ, ҳудудӣ ва маҳаллӣ, зербандҳои: 2.4. Пешгӯӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андозии бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи бунёди системаи буҷетию андозӣ; 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти низоми андозӣ; 2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ; 2.20. Шаклдигаркунии низоми буҷетию андозӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисодиёт: фишангҳо ва амсилаҳои мутобиқсозӣ; 3.14. Назария, методология ва консепсияҳои бунёдии андозбандии субъектҳои хоҷагидор; 3.16. Мониторинги саҳми андозии субъектҳои хоҷагидор; 3.17. Таҳқиқоти вобастагии байни нарх ва андозбандӣ; 3.19. Назарияи қабули қарорҳо ва методҳои идоракунии хавфҳои молиявӣ ва андозӣ; 3.30. Баҳисобгирии андоз ҳамчун унсури андозбандӣ.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки барои рисола сохтори мантиқии хубро дошта, мақсад ва вазифаҳо дуруст таҳрезӣ шуда, бо забони илмии фаҳмо омода гардида, пешниҳод ва таклифоти муаллиф илман асоснок таҳия гардидааст.

Дастовардҳои назариявӣ ва аналитикии муаллиф арзиши баланди илмӣ доранд. Бандҳои навгониҳои илмӣ, моҳияти тадқиқотро кушода, дар худ иқтидори зиёди илмӣ ва амалию методологӣ дошта, арзиши баланди кори мазкурро тасдиқ менамонд. Қайд кардан зарур аст, ки натиҷаҳои муҳими назариявию методологии дар дисертатсия мавҷудбуда, таклифу хулосаҳо, равишҳои асосие, ки дар рафти таҳияи рисолаи омодашуда ва то таклифҳои амалии ба мақомотҳои идораи давлатӣ расонидашуда, метавонад дар коҳишдиҳии гаронии андоз, мусоидат кунад.

Дар баробари инҳо, диққати махсусро меарзад, ҷабҳаҳои мусбии кори иҷрогардида, ки мантиқи он бо тартиби зерин сохта шудааст.

Навгонии илмии таҳқиқот аз асосноккунии консепсияи танзими андозӣ ва коркардҳои методӣ оид ба самтҳои асосии такмили механизми танзими гаронии андоз дар иқтисодиёт оид ба рушди иқтисоди милливу истеҳсолоти ватанӣ иборат мебошад.

Натиҷаҳои муҳимтарини илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, аз инҳо иборатанд:

1. Дар асоси омӯзиши таҳаввулоти назариявии гаронии андозҳо маълум гардид, ки нисбати таълифоти мазкур назари ягона вуҷуд надорад. Тафсири муаллиф чунин ифода ёфтааст, ки гаронии андоз дар сатҳи субъектҳои иқтисодӣ, ҳамчун нишондиҳандаи нисбии тавсифкунандаи ҳиссаи андозҳои ҳисобшуда дар даромади умумӣ, ки бо дар назардошти талаботи қонунгузории андоз ҳисоб карда мешавад;

2. Бартарӣ ва нуқсонҳои усулҳои ҳисоб кардани гаронии андозро омухта, методологияи худро барои ҳисоб намудани гаронии андоз пешниҳод намудем, ки ҳолати вокеии ҳисоб намудани гаронии андозро то дараҷае дуруст менамояд;

3. Таҷрибаи ҷаҳонии андозбандӣ аз нуктаи назари танзими гаронии андоз таҳлил карда, механизмҳо ва воситаҳои нави муносибатҳои байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз муайян карда шуда, истифодаи таҷрибаи Федератсияи Россия, ки низоми андози он ба низоми андози кишвари мо нисбатан шабоҳат дорад, бо дарназардошти шароит ва муносиб гардонидани он ба низоми миллии андоз бояд ба таври васеъ истифода бурд;

4. Масъалаҳои танзими гаронии андозро аз нуқтаи назари муносибатҳои институтсионалӣ муайян намудем, ки мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун мақоми ваколатдор, баҳри назорати воридотҳои андозӣ ба буҷет ба ҳисоб меравад, якчанд маротибаислоҳотҳои андозиро баҳри коҳиш ва муътадил нигоҳ доштани гаронии андоз гузаронидааст;

5. Ҳолати сатҳи гарониии андозро дар ҷумҳурӣ вобаста ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ муайян намудем ва яке аз роҳҳои коҳишдиҳии гаронии андозро дар имтиёзҳои андозии хусусияти инфиродидоштаи мебинем, ки сатҳи гаронии андозро ба эътидол медарорад ва шахсро аз пардохт кардани андоз қисман ва ё пурра озод менамояд;

6. Модели эконометрикии коэффитсиентҳои таносуби ҷуфтшуда таҳия шудааст, ки таъсири даромадҳои андозро аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, дурнамои даромадҳои андоз, ММД ба сари аҳолӣ, буҷети

давлатӣ, гаронии андоз ба сари аҳолӣ, гарониии андоз ба сари андозсупорандагон таҳия шудааст ва барои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, таваҷҷуҳи махсусро равишҳои муаллифи рисола оид ба таҳлили муаммоҳои ҷойдошта ва имкониятҳои ҳал намудани онҳо ишғол менамояд.

Хулоса ва пешниҳодҳо ҷиҳати истифодаи илмию амалӣ асоснок ва мутобиқ омода шудаанд. Дар маҷмуъ рисола аҳамияти кифояи илмӣ ва назариявию амалиро дорост ва кори илмӣ-тадқиқотии баитмомрасидашуда дар сатҳи ҳимояи ошкоро ба ҳисоб меравад.

Рисолаи доктори фалсафа Ph.D-и Раҷабов Т.С. дар мавзӯи: «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст, кори мустақилона анҷомдода, мантиқӣ ва ба итмомрасидаи илмӣ - кваликатсионӣ буда, арзиши баланди илмӣ дошта, барои муҳокима ва ҳимояи минбаъда дар Шурои диссертатсионии мувофиқ ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа Ph.D аз рӯи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод мегардад.

**Роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молиявию иқтисодии ДМТ** — **Иброҳимзода И.Р.**

**Имзои Иброҳимзода И.Р. д.и.и., дотсент, декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро тасдиқ мекунам. Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи милли Тоҷикистон**
**«_09_»____06____с.20_23_** — **Тавқиев Э.Ш.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН * УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ И СПЕЦЧАСТИ * TAJIK NATIONAL UNIVERSITY